# КОНСТИТУТСИЯ – САРМАНШАИ ХУКУК ВА ИФТИХОРИ МИЛЛАТ

Дар баробари сохибистиклол гардидани Чумхурии Точикистон зарурати кабули Конститутсияи нав пеш омад. Чомеа ва давлати Точикистон ба мархилаи сифатан нави таърихи инкишофи худ ворид шуда, дар кишвар давраи дигаргунихои куллӣ дар хамаи сохахои хаёти чомеа огоз гардид. Точикистон дар баробари кабули Конститутсияи замони истиклол, озодӣ ва хукуки инсонро мукаддас ва бунёди чомеаи адолатпарварро вазифаи худ эълон карда, ва унсурхои асосии чомеаи шахрвандиро муайян намуданд.

Дар Конститутсияи Точикистони сохибистиклол бехтарин дастовардхои таърихи конститутсионализми мамолики мутараккӣ, тачрибаи байналмилалии инкишофи демократия ва падидахои он, принсипхои умумии байналмилалӣ ва консепсияи хукуки фитрӣ, сохти муосир ва созгор ба чахони вокеии муосир инъикос гардиданд. Ин имкон фарохам сохт, ки ин санади олии таърихиву сиёсӣ аз чониби коршиносони байналмилалӣ сазовор арзёбӣ ва ба катори панч конститутсияи бехтарини чахон ворид гардад.

Тибки Конститутсия хукук ва озодихои инсон ва шахрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онхо максад, мазмун ва татбики конунхо, фаъолияти хокимияти конунгузор, ичроия, макомоти махаллии хокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи хокимияти судӣ таъмин мегарданд. Махдуд кардани хукуку озодихои инсон ва шахрванд танхо ба максади таъмини хукук ва озодии дигарон, тартиботи чамъиятӣ, химояи асосхои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоки чомеа, сихатии ахолӣ ва тамомияти арзии чумхурӣ раво дониста мешавад.

Дар асоси меъёрхои Конститутсия Точикистон давлати ичтимоӣ эълон гардида, барои хар як шахрванд шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фарохам меорад. Аз ин сабаб, таквият бахшидан ба таъминоти ичтимоии ахолӣ, тандурустӣ, маориф, илм ва фарханг яке аз хадафхои асосии давлату хукумат ба шумор меравад.

Шахс дар доираи мукаррарнамудаи конун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисахои нигахдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Барои дар амал татбикгардидани ин меъёри конститутсионӣ дар Чумхурии Точикистон сохторхои сохаи тандурустӣ таъсис ва санадхои меъёри хукуки дахлдор кабул гардиданд.

Инчунин, Конститутсияи Чумхурии Точикистон ба хар шахс хукуки озодона ширкат варзидан дар хаёти фархангии чомеа, эчоди бадеӣ, илмӣ ва техникиро кафолат додааст.

Бунёди давлатдорӣ бидуни эътироф, риоя, хифз ва таъмини хукук ва озодихои асосии инсон ва шахрванд гайриимкон аст. Аз ин рӯ, халки точик хамчун муассиси давлати мустакилу миллии худ озодӣ, хукукхои инсон ва шахрвандро арзиши мукаддас эътироф намудааст. Ин арзиши олӣ, инъикоси худро дар тахкими мачмӯи хукукхо ва озодихои инсон ва шахрванд пайдо мекунад, ки ба хар фарди чомеа сарфи назар аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, чинсӣ, мазхабӣ (эътикоди динӣ) ва тафовутхои дигар тааллук доранд. Давлат тамоми хукук ва озодихои инсон ва шахрвандро, ки дар санадхои байналмилалие, ки Точикистон онхоро эътироф кардааст, кафолат медихад.

Барои давлат ва шахрвандони он чонибдорӣ аз арзишхои баробарӣ ва ризоият мухим мебошанд. Дар каламрави Точикистон намояндагони миллат ва халкиятхои гуногун зиндагӣ мекунанд. Аз ин рӯ, изхори эхтиром ва таъмини баробархукукӣ, дӯстии байни хамаи миллатхо ва халкиятхо яке аз принсипхои асосии конститутсионӣ ба шумор меравад.

Бинобар ин, давлат ба хар кас, катъи назар аз миллат, нажод, чинс, забон, этикоди динӣ, мавкеи сиёсӣ, вазъи ичтимоӣ, тахсил ва молу мулк, хукуку озодихоро кафолат медихад. Аз чумла, шахрванди хоричӣ ва шахси бешахрванд аз хукук ва озодихои мукарраргардида истифода мебаранд ва баробари шахрванди Точикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои холатхое, ки конун пешбинӣ намудааст.

Хамзамон, хар кас кафолати хифзи судӣ дошта, хукук дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалохият, мустакил ва бегараз, ки тибки конун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд. Хеч касро бе асоси конунӣ дастгир, хабс кардан мумкин нест. Хар шахс аз лахзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад.

Мутобики Конститутсия Чумхурии Точикистон давлати дунявӣ буда, хар кас хукук дорад муносибати худро нисбат ба дин мустакилона муайян намояд, алохида ва ё якчоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинхои динӣ иштирок намояд.

Хамзамон, Конститутсия хукуки муттахид шудан, иштирок дар хаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ, ташкили хизбхои сиёсӣ, иттифокхои касаба ва дигар иттиходияхои чамъиятро ба шахрвандон кафолат додааст.

Хулоса, дар Чумхурии Точикистон хукуку озодихо тибки Конститутсия кафолат дода шуда, чихати амалӣ гардидани онхо тамоми тадбирхои ташкиливу хукукӣ аз чониби давлат рохандозӣ гардида, мунтазам идома доранд. Хамин аст, ки Чумхурии Точикистон дар байни

чомеаи чахонӣ мавкеи устуворро сохиб гашта, бо ташаббусхои чахонии кишвар сохиби эътибору эътироф гардидааст. Бо боварии комил метавон гуфт, ки Конститутсия пурра ба талаботи конунофаринии чахон чавобгӯ буда, хар як моддаи он бо назардошти ирода ва ормонхои кулли мардуми кишвар кабул шудааст.

**Холализода Анораи Сирочиддин,** мутахассиси шуъбаи хукуки байналмилалии ММК